Тасдиқ менамоям:
Ректори МДТ “ДДФСТ
ба номи Мирзо Турсунзода”
н.и.филологӣ, дотсент
Назарзода М.М. ____________
аз “ 16 ” ____09____ с. 2025

# ХУЛОСАИ

ҷаласаи кафедраҳои санъатшиносӣ ва назарияи мусиқӣ, педагогика ва рақамикунонии низоми иттилоотӣ дар фарҳанг, тарбия ва таҳсилоти мусиқии Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода»

Диссертатсияи Шарофидинзод Муслиҳиддин Шарофидин дар мавзӯи “Шартҳои педагогии ҳамкории мактаб ва оила дар тарбияи мусиқӣ-эстетикии хонандагон”, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯи ихтисоси 6D010600-Таҳсилоти мусиқӣ (6D010601-Назария ва методикаи таълими мусиқӣ) дар кафедраи “санъатшиносӣ ва назарияи мусиқӣ”-и Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» иҷро шудааст.

Шарофидинзод Муслиҳиддин Шарофидин соли 1997 ба ихтисоси “санъати мусиқӣ” (муаллими мусиқӣ ва суруд), методисти корҳои тарбиявӣ бо ихтисоси иловагии “Педагогика” дохил шуда, онро соли 2002 хатм кардааст. Пас аз хатми донишкадаи номбурда, соли 2015 барои идомаи таҳсил ба шӯъбаи магистратураи Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода аз рӯи ихтисоси “Таълими мусиқӣ” дохил шуда, соли 2017 ихтисоси мазкурро хатм кардааст.

Номбурда бо фармоиши ректори донишкада, аз 16-сентябри соли 2017, таҳти №226, ба зинаи доктори фалсафа, доктор аз рӯи ихтисоси (PhD) - 6D010600 - таълими мусиқӣ дохил шуда, соли 2020 онро аз рӯи ихтисоси мазкур ба анҷом расонидааст.

Бо қарори шурои олимони донишкада аз 29 январи соли 2018, таҳти №6, мавзуи

“Шартҳои педагогии ҳамкории мактаб ва оила дар ташаккули фарҳанги зебоипарастии хонандагон”, роҳбари илмӣ, д.и. педагогӣ, профессор Латифзода Д.Н. тасдиқ карда шудааст. Бо қарори Шурои олимони донишкада аз 01-феврали соли 2020, номи мавзӯи илмии диссертатсияи Шарофидинзод Муслиҳиддин Шарофидин - “Шартҳои педагогии ҳамкории мактаб ва оила дар тарбияи мусиқӣ-эстетикии хонандагон” тағийр дода шуда, роҳбари илмӣ Рамазонова Раҷабгул, номзади илмҳои педагогика, дотсенти кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогири Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ тайин карда шудааст. Номбурда, таҳқиқоти илмии худро дар назди кафедраи “санъатшиносӣ ва назарияи мусиқӣ” анҷом додааст.

Бо фармоиши ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» аз 09.08.2020 таҳти №188 ба Шарофидинзод Муслиҳиддин Шарофидин барои супоридани имтиҳонҳои маҷмӯӣ (комплексӣ) иҷозат дода шудааст. Дар таърихи 19-08-2020, бо қарори №1 имтиҳонҳои маҷмӯӣ (комплексӣ) қабул карда шудааст. Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳони маҷмӯӣ (комплексӣ) аз ҷониби Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» дода шудааст (№1 аз 23-01-2025).

Дисертатсия дар ҷаласаи кафедраҳои “санъатшиносӣ ва назарияи мусиқӣ”, “педагогика ва рақамикунонии низоми иттилоотӣ дар фарҳанг”, “тарбия ва таҳсилоти мусиқӣ”-и Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» аз 16-уми сентябри соли 2025 муҳокима гардидааст. Ба дисертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия дода шудааст.

Аз рӯйи натиҷаҳои экспертизаи диссертатсияи Шарофидинзод Муслиҳиддин Шарофидин дар мавзуи “Шартҳои педагогии ҳамкории мактаб ва оила дар тарбияи мусиқӣ-эстетикии хонандагон” чунин хулосаҳо бароварда шуд.

**Баҳодиҳии иҷрои диссертатсия.** Диссертатсияи Шарофидинзод Муслиҳиддин Шарофидин дар мавзуи “Шартҳои педагогии ҳамкории мактаб ва оила дар тарбияи мусиқӣ-эстетикии хонандагон”, яке аз масъалаҳои мубрами рӯз

дар самти дастрасии баланд бардоштани завқи бадеӣ ва мусиқӣ-эстетикии хонандагон ва рушди малакаи зеҳнӣ ва мусиқии онҳо дар шароити муосир таҳия карда шудааст. Аз тақризу хулосаҳои бадастомада бар меояд, ки муаллиф ба вазифаҳои гузошташудаи диссертатсия ноил гашта, дар ин замина навовариҳои илмии худро асоснок намуда, аз он хулоса ва пешниҳодҳои муфид баровардааст.

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот.** Дар асри XXI проблемаи кор карда баромадан ва татбиқ намудани системаи эҷодкоронаи тарбияи мусиқӣ-эстетикӣ махсусан актуалӣ гардидааст, зеро асри гузашта бо таззоду мухолифатҳои ҷангҳои шарҳвандӣ, барқароркунии хоҷагии халқ, аз нав таҷдид намудани сохторҳои давлатӣ, куллан дигар кардани ҳаёти маънавӣ, ташаккул додани андешаи миллӣ хеле муҳим ва мубрам шудааст. Ҳамаи ин равандҳо проблемаи ташаккули фарҳанги мусиқӣ-эстетикии хонандагонро ба миён овардааст. Аз ин рӯ, дар шароити имрӯза проблемаи тарбияи мусиқӣ-эстетикӣ, ки вазифаи инкишофи фарҳангро ҳаллу фасл менамояд, ба яке аз масъалаҳои умумибашарӣ табдил ёфтааст. Дар соҳаҳои гуногуни илм ва фарҳанг заҳматҳои беандоза зиёд ҷиҳати дарёфти роҳҳои нави рушди тарбияи мусиқӣ-эстетикии хонандагон мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шуда истодаанд.

Дар маркази диққати олимон коркарди асоси ҳастии инсоният, арзишҳои нави ба талаботи давлати соҳибистиқлол ҷавогӯ ба миён омадааст, ки стратегияи арзи вуҷуд намудани инсоният ва прогресро таъмин менамояд. Бинобар ин, зарурияти куллан, ба таври ҷиддӣ аз нав баррасӣ намудани муносибати инсон ба муҳити зист, дарк ва фаҳмиши нави идеали инсон, дурнамои ӯ ба миён омадааст. Ин масъалаҳои мубрам зарурияти таҳқиқи системавии фарҳанги зебоипарастии шахсият, ҷомеа, масъалаҳои тарбия ва таҳсилоти мусиқӣ-эстетикӣ, фарҳанги бадеии ҷаҳониро аз ҳарвақта дида муҳимтару мубрамтар намудааст.

Дар суханрониҳои худ, ки ба масъалаҳои фарҳанги миллӣ бахшида шудаанд, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вазифаҳои тарбияи зебоипарастии хонандагонро дар ҷомеа муайян намуда, чунин зикр мекунанд, ки яке аз вазифаҳои имрӯза фарҳангикунонии ҷомеа ва тарбияи эстетикии онҳо

мебошад, ки муассисаҳои фарҳанг дар он нақши муассир ва ҳатто ҳалкунанда мебозад.

Инкишофи завқи мусиқидустӣ, баргардондани аксуламали ҷавобии эмотсионалӣ (ба шавқ омадан, хушҳол гардидан, тағирёбии руҳия, хушҳол шудан ва ғайраҳо) ба шаклгирии фарҳанги мусиқӣ мусоидат менамояд. Майлу рағбат ба мусиқӣ, завқи мусиқифаҳмӣ, хонандагонро ба фаъолияти мусиқӣ ҷалб менамояд.

Омӯзонидани хонандагон ба шунидани мусиқӣ, аз он ҳаловат бурда тавонистан дар педагогика ва психологияи тарбияи мусиқӣ ҳамчун вазифаи муҳими муассисаҳои таҳсилотӣ, падару модарон буда, он ба инкишоф додани қобилияти мусиқӣ-эҷодкорӣ ба шаклгирии маънавиёт, ахлоқ, ҳисси зебоипарастӣ, зебоиофарӣ мусоидат мекунад. Ҳалли бомуваффақияти ин масъала ҳамон вақт имконпазир мегардад, ки агар омилҳои биологӣ (мавҷудияти аломату нишонаи қобилият), психологӣ, педагогӣ, иҷтимоӣ, сифатҳои фардӣ-шахсиятии хонанда омухта шавад ва ӯ ба раванди педагогӣ ворид гардад. Воқеан ҳам нақши тарбияи мусиқӣ-эстетикӣ дар ташаккулу такомули ҷаҳони маънавии ҷомеа ва тақвияти андешаву рӯҳияи миллӣ нақши беандоза дорад. Аз ин рӯ, оила ва мактаб бояд фаъолияти тарбиявии хешро дар тарбияи мусиқӣ-эстетикӣ беҳтар намоянд ва ҷиҳати ташаккули маънавиёти хонандагон шаклҳои ҷолиби бадеии корро мавриди истифода қарор диҳанд.

Дар ҳуҷҷатҳои барномавии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати рушди фарҳанг, бахусус консепсия ва барномаи давлатии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2008-2015, барномаи давлатии рушди муассисаҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои соҳибихтисоси соҳаи фарҳанг, ҳунар ва табъу нашр дар соли 2007-2010 ва махсусан консепсияи мустаҳкам намудани заминаи моддӣ-техникии муассисаҳои фарҳанг ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳа дар қатори вазифаҳои муҳими рӯз тадбирҳои амалӣ намудани сиёсати миллии фарҳангӣ ва тарбияи зебоипарастии хонандагонро мутобиқи шароити имрӯза, таваҷҷӯҳи хоса зоҳир карда шудааст.

Ин ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ менамоянд, ки бояд рушди фарҳанги миллӣ, махсусан бадеӣ дар ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ мутаасил рушд ёфта, нақши он дар баланд бардоштани маънавиёт ва тарбияи зебоипарастии аҳолии мамалакат боло бардошта шавад.

Дар Паёмҳои хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нақши фарҳангро дар тарбияи зебоипарастии қишрҳои гуногуни кишвар зикр намуда, чунин мегӯянд: “мақомоти дахлдор бояд ба тарбияи зебоипарастии хонандагон таваҷҷӯҳи махсус зоҳир намоянд”.

Масъалаҳои баланд бардоштани корҳои тарбиявӣ дар самти тарбияи зебоипарастӣ аз вазифаҳое, ки дар “Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” муайян карда шудаанд, бар меоянд. Бо мақсади оқилона истифода бурдани вақти холии хонандагон, ҷалби онҳо ба намудҳои гуногуни фарҳанги миллӣ, мероси ғании фарҳангӣ, корҳои фоиданоки ҷамъиятӣ, фаъолияти марказҳои фарҳангию фароғатӣ ва ғайра пешбинӣ карда шудааст.

Дар таҷрибаи ташкили тарбияи эстетикии хонандагони таҳсилоти ибтидоӣ, бо истифода аз неруи бузурги санъати суруд ва мусиқӣ бо таври нокифоя омӯхта шудани проблемаҳои ташаккулёбии сифатҳои зебоипарастии хонандагон ва шароити ҳамгироии фаъолиятҳои лоиҳавие, ки ба ташаккулёбии сифатҳои ҳамидаи инсонӣ нигаронида шудаанд боқӣ монда, рӯз то рӯз зиддиятноктар гардида истодааст. Ин проблема дар доираи ҳуҷҷатҳои ҳуқуқию меъёрии зикргардида андаке аз ҷиҳати назариявӣ баррасӣ гардида бошад ҳам, нерӯи инкишофдиҳандаи санъати суруд ва мусиқӣ дар раванди ташаккулёбии сифатҳои зебоипарастии хонандагони таҳсилоти ибтидоӣ дуруст баҳогузорӣ нашудааст. Дар низоми таҳсилоти ибтидоӣ стандартҳои нав ҷорӣ гардида, раванди амалинамоӣ ва гузаштан ба моделҳои гуманитарии таҳсилот, ки ба худдонишандӯзӣ, худтатбиқнамоӣ ва тариқи фаъолиятҳои мустақилонаи ҷӯяндагӣ ба дастовари донишҳо, худтарбиянамоӣ бартарӣ медиҳад такони ҷиддӣ бахшад, ҳам дар адабиётҳои навини педагогӣ-психологӣ ва таълимию методӣ

дарки илмии сифатҳои мусиқӣ дарккунӣ, ҳамчун самараи татбиқи мақсадҳои асосии таҳсилоти ибтидоӣ бо таври конкретӣ муайян нашудааст.

Аммо таҳқиқотҳои мо нишон додаанд, ки вазъу имкониятҳои тарбияи зебоипарастии хонандагон, заминаи моддӣ-техникии соҳаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар шароити имрӯза, ба таври бояду шояд истифода бурда намешаванд. Ин аст, ки баъзе хонандагон вақти фароғати худро дар видео-салону марказҳои компютерӣ гузаронида, доир ба боло бардоштани маънавиёташон андеша наменамоянд.

Қисме аз хонандагон бошанд ба иттиҳодияҳои ифротгароӣ, самти фаъолияташон ғайри иҷтимоиву тарбиявӣ ворид шуда, даст ба ҷиноят мезананд.

Ташвишовар он аст, ки дар баъзе муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ, фанни эстетика чун предмети нақшавӣ ворид нашудааст ё дар ҳаҷми зарурӣ омӯхта намешавад.

Ҳаминро низ бояд зикр кард, ки вазъи корҳои берун аз синфӣ ва берун аз мактабӣ, фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти иловагии кӯдакон ва наврасон низ талаботҳои маънавию зебоипарастии хонандагонро  ба таври бояду шояд қонеъ намегардонанд, ки боиси ҷалби теъдоди камшумори хонандагон ба муассисаҳои ин соҳа мебошад.

Аз ин ҷиҳат, таҳқиқи масъалаҳои ташаккули фарҳанги мусиқӣ-эстетикии муҳассилин дар низоми таҳсилот ва фарҳанг, дар фаъолияти ҳамҷояи педагогии муассисаҳои муосири таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ ва хонаводагӣ дорои аҳамияти зиёд аст. Омӯзиш ва баррасии масъалаҳои он то андозае барои муайян намудани роҳҳои самараноки тарбияи мусиқӣ-эстетикӣ дар системаи умумии фаъолияти тарбиявӣ ва беҳтаршавии корҳои таълимию тарбиявӣ дар байни хонандагон мусоидат менамояд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуҳои илмӣ-**таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асоси баҳисобгирии нақшаи корҳои илмӣ- таҳқиқотии факултети мусиқӣ-омузгории МДТ “Донишкадаи давлатии  фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода” ва таъмин намудани омодагии касбии донишҷӯён мутахасисони соҳаи таълим ва тарбияи хонандагони таҳсилоти

ибтидоӣ роҷеъ ба инкишофи фарҳанги мусиқӣ-эстетикии хонандагон дар ҳамкорӣ бо оила ва мактаб ба иҷро расидааст.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқот аз пешниҳоди асосҳои назариявӣ - методӣ ва амалии технологияи кори иҷтимоии мактаб бо хонавода, ҷомеа, муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ, фарҳанг ва истифодаи самараноки он дар ташаккули фарҳанги мусиқӣ-эстетикии хонандагон мебошад.

**Дар диссертатсия чунин вазифаҳо гузошта шудааст:**

1. омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои назариявӣ ва амалии ташаккули фарҳанги мусиқӣ-эстетикии хонандагон дар илми педагогика;

2. муайян сохтани моҳият, вазифаҳо, мазмун ва омилҳои ташаккули фарҳанги забоипарастии муҳассилин дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

3. таҳқиқи фаъолияти тарбиявӣ-забоипарастии омӯзгори мусиқии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, хонавода ва роҳҳои такмили он дар асоси нигоҳи нав;

4. таҳияи тавсияҳои илмӣ-методӣ оид ба ҳамкории мактаби муосир ва хонавода дар ташаккули фарҳанги мусиқӣ-эстетикии хонандагон.

**Объекти таҳқиқот:** муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, иловагӣ, фарҳанг ва муҳити хонаводаҳо дар ташаккули фарҳанги мусиқӣ-эстетикии хонандагон мебошад.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот:** – шартҳои педагогии ҳамкории мактаб ва хонавода дар ташаккули фарҳанги мусиқӣ-эстетикии хонандагон интихоб шудааст.

**Фарзия (гипотеза)-и таҳқиқот:** ташаккули фарҳанги мусиқӣ-эстетикии хонандагон он вақт беҳтар мегардад, ки агар ҳамкории зичи ниҳодҳои асосии он - муассисаҳои таҳсилоти асосӣ ва иловагӣ, фарҳанг ва хонавода таъмин ва нерӯи анъанаҳои бадеии маҳал дар асоси моделҳои нав ҳамаҷониба ба ҳисоб гирифта шаванд агар:

-ҳамкории мактаб ва хонавода барои гузаронидани кори тарбиявӣ бо волидон оид ба масъалаҳои тарбияи мусиқии хонанда дар оила ба инобат гирифта шавад;

-ҳамкории мактаб ва муҳити хонавода, аз рӯи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” ҳатман риоя карда шавад;

-аҳли оила вазифадор карда шаванд, ки дар чорабиниҳои фарҳангӣ иштирок намуда, тахти назорати мактаб ҳамеша масъулияти худро бояд иҷро намоянд;

-вазифаҳои тарбияи мусиқӣ ва тарбияи хонандагони таҳсилоти ибтидоӣ дар якҷоя бо аҳли оила дар самтҳои гуногуни инкишофи худ ҳал карда шавад;

-сарфи назар аз интихоби стратегияи мусиқии таълимӣ, ҳамкории қарори дар оила қабулшуда дар бораи тарбияи мусиқӣ таъмин намуда, ғояҳои аҳамияти тарбияи зебоипарастии мусиқиро барои инкишофи ҳамаҷонибаи хонанда нигаронида шавад.

**Марҳилаҳои асосии таҳқиқот. Марҳилаи аввал (солҳои 2020-2021)** омодагӣ мебошад. Дар ин марҳила таҳлили назариявии маъхазҳои фалсафию психологӣ, педагогӣ, сотсиологӣ ва методологӣ, инчунин рисолаҳои оид ба масъалаҳои таҳқиқот гузаронида шуд. Муайян намудани мақсад, вазифаҳо ва базаи таҷрибавии таҳқиқот, тартиб додани нақша коркард карда шуд.

**Марҳилаи дуюм (солҳои 2021-2022).** Интихоби усулҳои ҷамъоварию таҳлили мавод ва системавӣ гардонидани онҳо, коркарди назариявии масъалаҳои таҳқиқотӣ, ташаккули заминаи методологии рисола, асосноккунии принсипҳо ва усулҳои педагогӣ. Гузаронидани намудҳои гуногуни чорабиниҳои фарҳангӣ дар давраи корҳои озмоишӣ. Барои озмоиши масъалаҳои мавзуи таҳқиқоти илмӣ - педагогӣ мактаб ва муҳити хонавода интихоб шуданд.

**Марҳилаи сеюм (солҳои 2022-2024).** *Ҷамъоварии* маълумоти таҷрибавӣ, коркард, таҳлил ва ҷамъбасти онҳо, ба низом даровардан ва тарҳрезии матни таҳқиқоти рисолаи илмӣ. Дар ин марҳила меъёрҳои асосии фоиданокии гузаронидани машғулиятҳои тарбияи мусиқӣ-эстетикӣ дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ бо ҳамкории хонавода нишон дода шуд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот аз инҳо иборат аст.** Санҷиши натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар ҷараёни корҳои таҷрибавӣ, баромадҳо дар конфронсҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ, семинари илмӣ-амалӣ; дар нашрияҳои маводи илмӣ-тадқиқотӣ, аз ҷумла нашрияҳое, ки Комиссияи олии аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия кардааст, инчунин ҳангоми истифодаи маводи омӯзишӣ дар муассисаҳои таҳсилотӣ шаҳри Душанбе. Татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот дар МТУ №56-и ноҳияи Синои ш. Душанбе ва МТУ №28 ноҳияи Фирдавсӣ, шаҳри Душанбе дар рафти машварати омӯзгорони мусиқӣ хонавода, таҳсилоти иловагии кӯдакону наврасони шаҳри Душанбе гузаронида шуд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** гузаронидаи муаллифи рисола кофӣ баҳо дода мешавад, ки бо инҳо таъмин карда мешавад:

- дурустии усулҳои таҳқиқот, ки ба объект, ашё, мақсад ва вазифаҳои тадқиқот мувофиқанд;
- коркарди илмии хулосаҳои назариявӣ;
- асосноккунии мантиқии аппарати илмӣ ва риояи одоби тадқиқоти илмӣ;
- таҳлили миқдори зарурии корҳои илмии ватанӣ ва хориҷӣ ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва хориҷӣ;
- муқоисаи бозёфтҳо бо натиҷаҳои таҳқиқот дар соҳаи педагогикаи мусиқӣ;
- ташкили кори таҷрибавӣ ва натиҷаҳои мусбат ба даст оварда шуданд;
- натиҷаҳои таҳқиқот дар системаи таҳсилоти умумӣ дар давоми таҷриба аз соли 2020 то 2024;
- иштироки шахсии муаллиф дар озмоиши педагогӣ, инчунин дар амалияи кори муассисаҳои таҳсилотии шаҳри Душанбе ҷорӣ намудани натичаҳои ба даст овардашуда.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот -** натиҷаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои илмӣ-методии таҳия шуда барои кормандони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, таҳсилоти иловагии кӯдакон ва наврасон ва хонавода дар корҳои тарбиявӣ-зебоипарастӣ кӯмак расонида метавонад. Инчунин маводи дар рисолаи илмӣ оварда шуда барои шӯъбаи маориф ва фарҳанг ва дигар муассисаҳои таълимию

тарбиявии минтақа ва ҷумҳурӣ ҳамчун дастури хуби таълимӣ-методӣ кӯмак расонида, дар семинарҳои кормандони соҳаи маориф ва фарҳанг истифода бурда мешавад.

Пешниҳодҳои илмӣ-методие, ки дар рисолаи илмӣ ҷой дода шудаанд, аз ҷониби кормандони соҳаи маориф дар ташаккули фарҳанги мусиқӣ-эстетикии хонандагон мавриди баҳрабардорӣ қарор мегиранд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот –** муҳаққиқ вазъи таҳқиқотҳоро дар илми педагогика ва фарҳангшиносӣ таҳлил ва таҷрибаи кори муассисаҳои муосири таҳсилоти умумӣ, таҳсилоти иловагии хонандагон, ва хонаводаро дар тарбияи мусиқӣ-эстетикӣ мавриди омӯзиш ва таҳлили ҳамаҷониба қарор дода, шартҳои педагогии ташаккули фарҳанги мусиқӣ-эстетикии хонандагон ва роҳҳои беҳтарнамоии фаъолияти тарбиявӣ-зебоипарастии онҳоро тибқи консепсияи нав муайян ва таҳияву пешниҳод намудааст.

**Нуқтаи ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Мавқеи омӯзиши роҳҳои самараноки ташкил ва имконияти истифодабарии ҳамкории мактаб ва оила дар ташаккули фарҳанги мусиқӣ-эстетикии хонандагони муассисаҳои таҳсилотӣ муайян карда шуд;

методика ва роҳҳои ташкилу истифодабарии фарҳанги мусиқӣ-эстетикии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилотӣ асососнок карда шуд.

**Аҳамияти назариявии натиҷаҳои таҳқиқотии** муаллифи диссертатсия дар васеъ намудани ақидаҳои илмӣ дар бораи эҳтиёҷоти фарҳанги мусиқӣ-эстетикӣ ва хусусиятҳои ташаккули онҳо дар хонандагони таҳсилотӣ иборат аст, ки онро - маҷмӯи аслии мукаммали равишҳои фарҳангӣ, барои омӯзиши масъалаҳои ташаккули дарсҳои мусиқӣ, таъмини дурустии ташаккули он ва фароҳам овардани имконият барои ноил шудан ба ҳадаф дар омӯзиш;

-моҳияти мафҳуми «талаботи мусиқӣ-эстетикӣ»-и хонандагони муассисаҳои таҳсилотӣ, ки дар таҳқиқот ҳамчун масъалаҳои хонаводагӣ ва ҳамкорӣ ба мактаб, сарчашмаи фаъолияте, ки хонандагон ба худшиносии фарҳангӣ, ифодаи эҷодӣ, дарки эҳсосотӣ ташвиқ менамояд, равшан намуд;

- принсипҳои ташаккули фарҳанги мусиқии хонандагон, ягонагии тарбияи зебоипарастӣ бо назардошти шавқу ҳаваси хонаводагӣ ва хусусиятҳои синнусолии хонандагон;

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия** дар 25-то мақола баён гардиданд, аз ҷумла 6 - тои онҳо дар матбуоти даврии тавсиякардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 3 мақола дар конференсияҳои байналмилаллӣ дар Федератсияи Россия, 4 мақола дар конференсияи байналмиллалии дар шаҳри Тошкент ва 3-мақола дар конфренсияҳои ҷумҳуриявӣ (ш. Душанбе).

### Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.

Диссертатсияи Шарофидинзод Муслиҳиддин Шарофидин дар мавзӯи "Шартҳои педагогии ҳамкории мактаб ва оила дар тарбияи мусиқӣ-эстетикии хонандагон" ба шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз руйи ихтисоси 6D010600 - Таҳсилоти мусиқӣ (6D010601 - Назария ва методикаи таълими мусиқӣ) мутобиқат менамояд.

**Сохтор ва ҳаҷми рисола:** дисертатсия аз сарсухан, се боб, хулоса, номгӯи адабиёти истифодашуда иборат аст. Муҳтавои диссертатсия дар 168 саҳифаи ҳуруфчинии компютерӣ баён карда шудааст. Дар матн 5 - ҷадвал, 7 - расм ва 5 - диаграмма мавҷуд мебошад. Руйхати адабиёт 169 номгӯро фаро гирифтааст.

### Руйхати интишороти Шарофидинзод Муслиҳиддин Шарофидин доир ба мавзуи диссертатсия

### I.Интишорот дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон


1. Солиҳов, М.Ш. Ҳамкории мактаб бо оила-омили асосии ташаккули фарҳанги эстетикии хонандагон [Матн] // Фарҳанг ва санъат. - 2019. -№1.-С. 29-33.

2. Солиҳов, М.Ш. Ташаккули фарҳанги эстетикӣ дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // Фарҳанг ва санъат. - 2020. -№2.-С. 40-43.

3. Солиҳов, М.Ш. Рушди тарбияи мусиқӣ дар даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // Фарҳанг ва санъат. - 2020. -№3.-С. 52-57.

4. Солиҳов, М.Ш. Масъалаҳои ташаккули фарҳанги эстетикии хонандагон дар илмҳои педагогӣ [Матн] // Фарҳанг ва санъат. -2019. №4.-С. 39-42.

5. Рамазонова Р.С. Масъалаҳои ташаккули фарҳанги зебоипарастии хонандагон дар ҳамкории муассисаҳои таҳсилотӣ ва хонавода [Матн] // Р.С.Рамазонова, М.Ш. Солиҳов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - 2024. - № 1. - С.266-271.

6. Шарофиддинзод М.Ш. Нақши назария ва методикаи таълими мусиқӣ дар тарбияи зебоипарастии хонандагон. Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии АТТ. ISSN № 2617-5320, №4. – Душанбе. -2025. С.52-54.

7. Шарофиддинзод М.Ш. Нақши санъати мусиқӣ дар тарбияи фарҳанги ахлоқӣ ва эстетикии кӯдакон // Musiqa Pedagogikasi Madaniyat Etnografiya №2.- Бухоро.-2025. С. 55-61. ISSN 3060-5079

II. ***Дастури таълимӣ методӣ***

8. Шарофидинзод М.Ш. Луғати мухтасари истилоҳоти мусиқӣ [Матн] // дастури таълимӣ. - Душанбе, 2024. - 82с.

III. **Мақолаҳои илмие, ки дар дигар маҷаллаву нашрияҳо ба чоп расидаанд:**

9. Шарофидинзод М.Ш. Сущность и взаимодействие школы и семьи в культурном воспитании подросткового поколения. Международная научно-теоретическая конференция «Россия-Узбекистан-Таджикистан [Текст]: «Формирование инновационности проектирования социално-культурых процессов: от идеи до реализации» Бухоро. – 2022. - С 148-152.

10. Шарофидинзод М.Ш. Развитие национальной культуры в период независимости Республики Таджикистан [Текст]: Международная научно-теоретическая конференция Россия – Узбекистан - Таджикистан, «Молодежь и развитие духовной культуры общества: Актуальные проблемы и перспективы их решения». Челябинск-Тошкент-Самарканд-Бухоро.- 2022. - С 316-320

11. Шарофидинзод М.Ш. Муҳимияти машғулияти суруд ва мусиқӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ. [Текст]: Международная научно-

теоретическая конференция. Преподавание профессиональной музыки: История, теория и практика» Душанбе. - 2022.- С 161-166.

12. Шарофидинзод М.Ш. Роль родителей и педагогов в эстетическом воспитании подростков. [Текст]: Международная научно-теоретическая конференция “Сохранение и укрепление традиционных духовно-нравственных ценностей общества: стратегическое планирование в сфере духовной культуры”. - Душанбе. – 2023. - С128-131.

13. Шарофидинзод М.Ш. Саҳми Пешвои миллат дар рушди фарҳанги миллии тоҷик [матн] // Маводҳои конференсияи илмӣ-назариявӣ. Дар мавзӯи «Иҷлосияи XVI Шурои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рушди фарҳанги миллӣ». ҶДММ Абдураҳмон. –Р. - 2022. - С. 74-79.

14. Шарофидинзод М. Масъалаҳои инкишофи завқи мусиқии хонандагони таҳсилоти ибтидоӣ дар оила [матн] // Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи Омода намудани кӯдакони дорои имконияташон маҳдуд ба муассисаҳои таълимӣ. – 2024. - С. 387-392.

15. Шарофиддинзод М.Ш. Роль учителя музыки в обогащении содержания и форм воспитательно-эстетической деятельности [Текст] М.Ш. Шарофиддинзод // zamonaviy tasviriy tasviriy-talimda anana va innjvatsiylar izlanishlar va yechimlar xalqaro ilmiy-nazariy anguman materiallar. - Бухоро, 2024. - С. 339-342.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Шарофидинзод Муслиҳиддин Шарофидин дар мавзӯи “Шартҳои педагогии ҳамкории мактаб ва оила дар тарбияи мусиқӣ-эстетикии хонандагон”, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисоси 6D010600 - Таҳсилоти мусиқӣ (6D010601 - Назария ва методикаи таълими мусиқӣ) пешниҳод гардидааст, таҳқиқоти илмӣ-тахассусии самти педагогикаи умумӣ арзёбӣ мегардад.
2. Диссертатсияи Шарофидинзод Муслиҳиддин Шарофидин дар мавзӯи “Шартҳои педагогии ҳамкории мактаб ва оила дар тарбияи мусиқӣ-эстетикии хонандагон”, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисоси 6D010600 - Таҳсилоти мусиқӣ (6D010601 - Назария ва методикаи таълими

мусиқӣ) бо назардошти эродҳои гирифташуда барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии (6D. КОА-094)-и назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» тавсия карда шавад.

3. Иҷрои қарори мазкур ба зимаи мудирони кафедраи санъатшиносӣ ва назарияи мусиқӣ, педагогика ва рақамикунонии низоми иттилоотӣ дар фарҳанг, тарбия ва таҳсилоти мусиқии Муассисаи давлатии таълимии "Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода" гузошта шавад.

Дар ҷаласаи муштараки кафедраҳои санъатшиносӣ ва назарияи мусиқӣ, педагогика ва рақамикунонии низоми иттилоотӣ дар фарҳанг, тарбия ва таҳсилоти мусиқии Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» (суратмаҷлиси №01 аз 05.09.2025) иштирок намуданд: 13-нафар. Ҳуқуқи овоздиҳӣ доштанд: 10 нафар. Овоз доданд: тарафдор – 10 нафар; зид-нест; бетараф-нест.

**Раисикунанда:**
номзади илмҳои педагогӣ,
и.в. профессор, ноиби
ректор оид ба корҳои таълимӣ Махсудзода Ф.М.

**Котиб:**
номзади илмҳои педагогӣ,
дотсент Ашуралиев М.И.

Имзои Махсудзода Ф.М. ва Ашуралиев М. И.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ
МДТ «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати
Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» Нуриддинзод Ф.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

«16» 09 с. 2025

**Суроға:** 724032, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Борбад, 73А.
Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода. Тел.: (+992-37) 2 31 18 27, Сомона: www. ddst.tj.